**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович таҳти унвони «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» ба яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносӣ бахшида шудааст.

Имрӯз, ки Тоҷикистон ба сифати як кишвари дар ҳоли мутараққии олам шинохта шудааст, донишмандони тамоми соҳаҳо ва аз он ҷумла забоншиносонро лозим аст, ки вожаву истилоҳоти ҳар як соҳаи ҷудогонаро таҳияву тадвин намуда, бо шарҳу тавзеҳи илмӣ ба дастандаркорон пешниҳод намоянд.

Имрӯз Тоҷикистон чун як кишвари тараққикардаи олам шинохта шудааст ва олимони соҳаи забоншиносиро лозим аст, ки вожаву истилоҳот ва ибораҳои ҳар як соҳаи алоҳидаро омода ва иншо намуда, бо шарҳу эзоҳи илмӣ ба дастандаркорон пешниҳод намоянд.

Зикр бояд кард, ки дар кишвари мо низ ба мисли дигар кишварҳои пешрафта омӯзиши забонҳои хориҷӣ, алалхусус забони англисӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҳамчун васила ҷиҳати рушди иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳанги кишвар мусоидат мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар омӯзиши назариявии мафҳумҳои варзишӣ дар забони имрӯзаи англисӣ зоҳир мегардад. Инчунин дар диссертатсияи мавриди зикр аввалин маротиба усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ нишон дода шуда, мушкилоти тарҷумаи калимаҳои соҳаи варзиш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ошкор гардидаст.

Омӯзиши назариявӣ ва амалии мафҳумҳо, матнҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ диққати олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷиро барвақт ба худ ҷалб карда буд. Дар раванди таҳқиқ ба корҳои илмии забоншиносоне, ки ҷанбаҳои гуногуни калимаву истилоҳот ва мафҳумҳои варзиширо мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор додаанд, такя карда шудааст. Инчунин, асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Аз Ориён то Сомониён» ва «Забони миллат – ҳастии миллат»-ро ҳамчун заминаи методологии таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Омӯзиши лексикаи варзишии забони англисӣ дар таҳқиқоти олимони шуравӣ ва рус А. В. Алексеев, Г. И. Атаманова, Л. С. Бархударов, Н. Н. Бобирова, С. В. Гринев, А. М. Гуреева, А. А. Елистратов, В. Н. Комисаров, А. А. Малуш, Е. В. Птушкина ва муҳаққиқони аврупоӣ, аз ҷумла А. Аурбеч, Е. Берсес, Ҷ. Китфор, М. Милик ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Паҳлуҳои гуногуни мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ ҳамчун зуҳуроти забони англисӣ ва лексикаи махсус таҳқиқ ва баррасӣ гаштаанд.

Дар илми ватанӣ масъалаҳои назарияи тарҷума дар асарҳои М. Б. Шаҳобова, П. Ҷамолиддинов, Б. Камолиддинов, А. Мамадназаров мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Аз таҳқиқоти анҷомшуда рисолаи Мирзоев Д. «Спортивная терминология в таджикском и английском языках» ба мавзуи мавриди таҳқиқ наздик мебошад. Мутаассифона, омӯзиши хусусияти тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ дар илми ватанӣ ба таври лозима ба роҳ монда нашудааст.

Мақсади таҳқиқи диссертатсионии моро пажуҳишу омӯзиши хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таълими равияи забоншиносии муқоисавии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд. Ғайр аз ин,

натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таълифи луғатҳои дузабонаи забони англисӣ-тоҷикӣ мавриди истифода карор дод.

Мавзуи диссертатсия ба вижагиҳои муқоиса ва тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 192 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои методологӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, объект, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххас ва дақиқ ҳаллу фасл гаштааст.

Автореферати диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» пурмазмун буда, мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Вале бо вуҷуди комёбиҳо дар фишурда баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Матни русии автореферат бо матни тоҷикӣ пурра мувофиқат мекунад вале дар он қоидаҳои имлоӣ баъзан сарфи назар шудаанд.;

2. Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасад.

3. Дар автореферати диссертатсия беъзе хатогиҳои имлоӣ ба чашм мерасанд;

Эродҳои зикргардида арзиши илмии ин корро паст намекунанд ва онҳоро муаллиф метавонад дар таҳқиқотҳои оянда ислоҳ намояд.

Хулоса, таҳқиқот дар сатҳи лозимии илмӣ сурат гирифтааст. Кабиров Шарифбек Абдусаломович аз адабиёти зиёд истифода бурда, тавонистааст мавзӯи илмиашро асоснок намояд.

Нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конференсияҳо гувоҳӣ медиҳад, ки муаллифи рисола муҳаққиқи хуби илмӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия ва 9 мақолаи диссертант, ки 6-тои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд. Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» ба талаботи бандхои 31-33 - и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи тарҷума ва
грамматикаи забони англисии МДТ- и
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" **Усмонова Рухшона Раҳматовна**

Имзои Усмонова Р.Р.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ- и "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" **Сайдуллозода З.С.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
**Телефон:** 92 973 32 37
**E-mail:** usmonova.rukhshona@mail.ru 12.03.2025с.